# **ГУЗОРИШИ** ҶАНБАҲОИ АСОСИИ БАРГУЗОРИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ ИЧРОИ БАРНОМАХОИ СТРАТЕГИ ДОИР БА РУШДИ КИШОВАРЗИ

( оғози силсалаи нави семинарҳои фаъоли дастаҷамъӣ)

28 июли соли 2022

# Асоси меъёрию ҳуқуқии таҳияи Барномахои стратеги ва ташкили мониторинги рушди сохахои алохида (1)

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» (аз 25 майи соли 2022):

- Моддаи 8, банди 3- «Стратегияи миллии рушд ҳуҷҷати асосии банақшагирии стратегӣ мебошад, ки ҳамаи стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои амал бо он мутобиқ карда мешаванд»

- Моддаи 12, банди 4 – «Нақшаҳои амали соҳавӣ барои 1 сол ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои 3 сол бо имконияти бознигарии ҳарсола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд»

- Моддаи 16, банди 2 – Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бояд ба талаботи зерин мувофиқат кунанд:

1) мутобиқати ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳавӣ ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, **афзалиятҳои сиёсат ва уҳдадориҳои байналмилалии** Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) мутобиқати ҳадаф, афзалият ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ба **Ҳадафҳои Рушди Устувор;**

3) мавҷуд **будани таҳлили заминавӣ ва асоснокkунии мушкилоти мавҷуда**;

4) муайян намудани **воситаҳои ноил шудан ва роҳҳои давра ба давра амалӣ** гардидани мақсаду афзалиятҳо;

5) таъмини **муносибати барномавии мақсаднок байни чорабиниҳои банақшагирӣ, барномасозӣ ва буҷетикунонӣ;**

6) муайян намудани **нишондиҳандаҳо барои мониторинг, натиҷаҳои пешбинигардида ва манбаъҳои маблағгузорӣ;**

## Асоси меъёрию ҳуқуқии таҳияи Барномахои стратеги ва ташкили мониторинги рушди сохахои алохида (2)

- Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, № 615 тасдиқ шудаст):

- мониторинг ва арзёби бояд дар асоси пайгирии мунтазами индикаторхои тасдикшуда гузаронида шавад…..

- дар самти мониторинг ва арзёбии барномахои стратегии рушд (бо инъикоси масъалахои рушди сохахо) Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон макоми кории котиботи Шуро ба хисоб меравад….

- методологияи пешниходи хисобот чихати амалишавии барномахои стратеги (бо инъикоси масъалахои рушди сохахо) аз чониби макомоти ваколатдори низоми мониторинг ва арзёби тартиб дода мешавад…..

- мониторинг ва арзёбии нишондихандахои банакшагирифташуда аз руи тадбирхо ва амалхои ноилшави ба хадаф ва вазифахои рушди милли баргузор мегардад….

# Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастраси ба гизои хушсифат – хадафи стратегии стратегии кишвар аст....

- Рушди устувори бахши кишоварзии Тоҷикистон омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, таъмини саноат бо ашёи хом ва соҳаи асосии шуғли аҳолӣ мебошад.

- Бахши кишоварзии мамлакат аз рӯи ҳисса дар ММД ҷои намоёнро ишғол намуда, дар соли 2020 - ум 22,6 фоизро ташкил дод.

Рушди бахши кишоварзи кафолати:

- барҳам додани қашшоқӣ ва гуруснагӣ (ҲРУ 1 ва 2)
- ташаккули шугли пурмахсул ва рушди иқтисодӣ (ҲРУ 8)
- нигоҳ доштани экосистемаҳо (ҲРУ 15) ба ҳисоб меравand.

- Мониторинг ва арзёбии рушди бахши кишоварзи дар доираи барномахои стратеги, сохави, татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаи кишоварзи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мегардад.

# Интизориҳои дарозмуддат нисбати рушди кишоварзи

| СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД - 2030 | | |
|---|---|---|
| Марҳилаи1 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2016-2020 | Марҳилаи 2 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2021-2025 | Марҳилаи 3 – Барномаи миёнамуддати рушд ба солҳои 2026-2030 |
| густариши ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва рушди институтсионалии бахши оби кишвар | ташкили кластерҳои агросаноатӣ ва корхонаҳо барои коркарди пурраи нахи пахта, ашёи хоми пӯст, пилла, ангур, мева ва дигар намудҳои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ | Ислоҳот дар бахши аграрӣ ва об ба анҷом расида гузариш ба низоми барқарорсозии ҳосилнокии хок, пешгирии намудҳои асосии таназзулёбии онҳо ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи технологияҳои баланди истеҳсолот таъмин мегардад. |

- **Натиҷаҳои интизоришаванда:**
- Ҳиссаи бахши кишоварзи дар ММД-и кишвар аз 23,3% (2015) то 14% (2030) кам карда мешавад;
- Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД-и кишвар аз 12,3% то 22% афзоиш дода шуда, гузариши иқтисодиёти кишварро аз аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ таъмин мекунад;
- Ҳиссаи аҳолии дар соҳаи кишоварзӣ машғулбуда бояд на камтар аз ду бор коҳиш ёбад, яъне аз 65,5% соли 2014 то 28-30%.

# Тамоюли ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар давраи татбиқи БМР 2016 – 2020

Афзоиши миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи татбиқи БМР 2016 - 2020-ум 6,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи дар БМР 2016-2020 пешбинишуда 2,1 банди фоизӣ паст аст.




*Сарчашма:Ҳисобҳо аз рӯи махзани маълумоти омории «Хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Тамоюли ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар давраи татбиқи БМР 2016 – 2020

Дар сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи растанипарварӣ 70,9% ва чорводорӣ 29,1 фоизро дар соли 2020 ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 3.2. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ (2015=100%)**




*Сарчашма:Ҳисобҳо аз рӯи махзани маълумоти омории «Хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Тамоюли ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар давраи татбиқи БМР 2016 – 2020

**Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ, ҳазор тонн.**

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли соҳаҳо аз афзоиши шумораи аҳолии мамлакат зиёдтар буда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ қариб аз рӯи ҳамаи навъҳои маҳсулот, ба истиснои ғалладона, дар давраи солҳои 2015 – 2020 зиёд шуд.

| | | Солҳо | | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2020 | Аз рӯи ҳаҷм | Бо фоиз |
| 1. | Гӯшти чорво ва мурғ | 217,7 | 300,1 | 82,4 | 137,8 |
| 2. | Шир | 889,0 | 1021,0 | 132 | 114,8 |
| 3. | Тухм (млн. дона) | 357,2 | 983,1 | 625,9 | 2,7 б. |
| 4. | Асал | 3,9 | 4,2 | 0,3 | 107,7 |

*Сарчашма: Ҳисобҳо аз рӯи махзани маълумоти омории «Хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Тамоюли ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар давраи татбиқи БМР 2016 – 2020

| | | Солҳо | | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2020 | Аз рӯи ҳаҷм | Бо фоиз |
| 1. | Зироатҳои ғалладонагиҳо | 1392,6 | 1562,3 | 169,7 | 112,2 |
| 2. | Картошка | 887,4 | 990,7 | 103,3 | 111,6 |
| 3. | Сабзавот | 1666,6 | 2480,6 | 814 | 148,8 |
| 4. | Маҳсулоти полизӣ | 592,4 | 757,0 | 164,6 | 127,8 |
| 5. | Меваҳо | 299,3 | 470,4 | 171,1 | 157,2 |
| 6. | Ангур | 203,8 | 239,9 | 36,1 | 117,7 |

# Тамоюли ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар давраи татбиқи БМР 2016 – 2020

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоии соҳаи кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ, кг.**

| | Солҳо | | Тағйирот | |
|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | Аз рӯи ҳаҷм | Бо фоиз |
| Ғалладона | 162,9 | 166,2 | 3,3 | +2 |
| Картошка | 103,8 | 105,3 | 1,5 | +1,4 |
| Сабзавот | 194,9 | 263,8 | 68,9 | +35,4 |
| Маҳсулоти полизӣ | 69,3 | 80,5 | 11,2 | +16,2 |
| Меваҳо | 35,0 | 50,0 | 15 | +42,9 |
| Ангур | 23,8 | 25,5 | 1,7 | +7,1 |
| Гӯшти чорво ва мурғ | 25,5 | 31,9 | 6,4 | +25,1 |
| Шир | 104,0 | 108,6 | 4,6 | +4,4 |
| Тухм | 41,8 | 104,6 | 62,8 | 2,5 мар. |
| Асал | 0,5 | 0,5 | 0 | 0 |

*Сарчашма:Ҳисобҳо аз рӯи махзани маълумоти омории «Хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# Арзёбии сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон

- Талаботи дохилӣ ба маҳсулоти ширӣ то андозае қонеъ гардид
- Талабот ба маҳсулоти сабзавотӣ ва полизӣ, картошка аз меъёрҳои муқаррарнамудаи истеъмолӣ зиёдтар аст
- Сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо маҳсулоти ғалладонагӣ то 62%, картошка 102%, сабзавоту полезиҳо 103%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 90%, шир ва маҳсулоти ширӣ 95,3% ва тухм 60%
- Вобастагӣ  аз воридот: дар соли 2020  999,2 ҳаз тон гандум  (нисбат ба соли 2015 140,2 ҳаз тон ё 16,3% зиёд)  ва орд 89,9 ҳаз тон (50,5 ҳаз тон ё 36% кам).
- калориянокии ғизо ба 1 нафар (дар соли 2019 2547,1 ккал/нафар дар як шабонарӯз ба ҷойи 2450 кКал банақшагирифташуда) зиёд (нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишуда 97,1 ккал/нафар ё 3,9% зиед)
- Тамоюли мусбӣ вобаста ба калорияи истеъмолшаванда, сафедаҳо ва чарбу,  сифати  ғизоӣ аҳолӣ ( кӯдакон ва  занон)

# Андешидани тадбирхои минбаъда

- истифодаи самараноки заминҳо, аз чумла заминхои наздихавлиги ва хочагихои дехкони ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминхои нав,
- ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав,
- риояи қоидаҳои агротехникии парвариши зироатҳо,
- бунёди гармхонаҳо ва сардхонаҳои муосир,
- таъмини хоҷагиҳо бо тухмии репродуксионии сифати баланд, техника ва нуриҳои минералӣ
- ташкили маҷмааҳои агросаноатии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ
- сармоягузорӣ барои бунёди низоми таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ зарур мебошад.
- коркарди механизмҳои ҳамоҳангсозӣ (нақшаи амал, аз ҷумла мониторинг) дар раванди таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат .

# Ҳадафи стратегии кишвар – ноил шудан ба амнияти озуқаворӣ (ҲРУ 2)

**2016** → **2020** → **2025**

***Самтҳои амалҳо ва чорабиниҳои асосӣ:***

- густариши ислоҳоти аграрӣ бо мақсади ташаккул ва иникшофи истеҳсолоти кишоварзии сердаромад;

- таъмини дастрасии устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба захираҳои молиявӣ ва қарзӣ;

- беҳтар намудани инфрасохтор ва таъминоти моддию техникии кишоварзӣ;

- бартараф намудани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани дараҷаи амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани сифати ғизо.

***Хусусияти муҳими самтгирии фаъолият:***

- татбиқи босифати Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар ҶТ то с. 2040 ва Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани GLOBAL GAP;
- тақвияти татбиқи сиёсатиояндабинӣ бо назардошти тағйирёбии боду ҳаво ва таркиби бозори истеъмолӣ, ҳамзамон пешгирии талафоти ҳосил;
- такмили сиёсати минтақавии ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, ҳамзамон интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи «ашёи хом-истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ-дарёфти бозори фурӯш
- рушди низомҳои миллии суғуртакунии ҳосили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);
- баланд бардоштани сатҳи тиҷоратикунонии истеҳсолот.

***Натиҷаи чашмдошт: таъмини суръатҳои баланди рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо таъмини афзоиши сатҳи худтаъминкунӣ аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот***

# Чанбахои асосии муваффак будани низоми мониторинг ва арзёби

- *Сифати банакшагирии стратеги* (дар кисмати рушди бахши кишоварзи) – то чи андоза индикаторхои максаднок максад ва чорабинихои барномаро доир ба рушди кишоварзи инъикос мекунанд;

- *Идораи раванди татбики барномаи стратеги (дар кисмати рушди кишоварзи)*:

- оё иттилооти муосир ва боэътимод, аз ҷумла иттилоот аз дигар иштирокчиёни барнома ҷамъоварӣ карда мешавад, мисол аз бахши маориф дар самти омода намудани мутахассисони сохаи кишоварзи?

- оё ҳамкорӣ/ҳамоҳангсозии самаранок бо дигар барномаҳо ва лоиҳаҳо дар соҳаҳои алоқаманд вуҷуд дорад?

- оё барои рафъи камбудиҳо хангоми идоракунии раванди татбики чорабинихои барнома чораҳо андешида шуд?

- *Арзёбии натичахои рушд (дар кисмати рушди кишоварзи)*:

- соха дар самти ноилшави ба ҳадафҳои дарозмуддат чи тавр ҳаракат мекунад?

- оё натичахои бадастомада ба ҳадафҳои солона мувофиқат мекунанд?

- натиљањои бадастомада имкониятхоро барои дастрас будани гизои хушсифат то чи андоза таъмин менамояд ва дар ин самт чи бояд кард?

## Мониторинг ва арзёбии рушд бояд имкониятхои зиёдро барои асосноксозии карор доир ба рушди минбаъда таъмин намояд…

- *Хангоми тавсифи натичахои мушаххаси рушди кишоварзи дар соли хисоботӣ иньикоси чунин чанбахо мухим аст:*
- саҳми соха дар ноил шудан ба нишондиҳандаҳои барномаи стратегӣ;
- натичахои асосии дар соли хисоботи бадастовардашуда;
- тавсифи саҳми натиҷаҳои асосӣ дар ҳалли мушкилот ва ноил шудан ба ҳадафҳои барномаи давлатӣ;
- натиҷаҳои банақшагирифташуда, вале бадастоварданашуда, ки боиси ичро нашудан ва нопурра ичро шудани фаъолияти асосӣ ва барномаҳои мақсадноки идорави (аз ҷумла марҳилаҳои барнома) мегарданд.

- *Тавсифи омилҳое, ки ба татбиқи барномахои рушди кишоварзи таъсир расониданд, инҳоро дар бар бояд гирад:*
- таҳлили омилҳои ба татбиқи чорабинихои барномаи рушди бахши кишоварзи таъсиррасон;
- таҳлили оқибатҳои иҷро нагардидани индикаторхои мақсадноки сохави;
- тахлили окибатхои эхтимолии таъсири ин омилхо ба индикаторхои мачмуии амалисозии барномаи стратегиии рушд.

- *Тавсияхо чихати:*
- рушди соха,
- таквияти хамкорихо бо дигар макомоту идорахо,
- бехтар намудани низоми мониторинг ва арзёби.

# Дар мачмуъ, интизорихо аз мониторинг ва арзёби дар сатхи вазорати сохави

- таъмини гузариш аз мониторинги ичрои фаъолият ба **арзёбии** натичахои ичрои он;
- кифоя ва дастрас будани махзани маълумот барои ташаккул ва таҳлили нишондиҳандаҳои боздех, ки ба инъикоси хусусиятҳои сифатии рушд мусоидат мекунад;
- ҳамоҳангсозии байниидоравии амалҳо оид ба татбиқи чорабиниҳои БМР;
- ҳамгироии барномаҳои соҳавӣ ва стратегияҳои рушди стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, марҳалаҳои татбиқи он.

- Дар ҳолати шаҳрнишинии босуръат, татбиқи чорабиниҳо дар доираи ҳадафҳо дар соҳаи озуқавории дар СМР – 2030 ва БМР 2016 – 2020 нишондодашуда ва ҳамчунин, ҲРУ 1 ва ҲРУ 2 барои беҳтар намудани алоқамандӣ миёни шаҳрҳо ва деҳаҳо тавассути сармоягузорӣ барои бунёди низоми таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ зарур мебошад.
- Дар маҷмӯъ, дар ояндабинии миёнамуҳлати минбаъда дар соҳаи коркарди механизмҳои ҳамоҳангсозӣ (нақшаи амал, аз ҷумла мониторинг) дар раванди

**Ташаккур ……**